«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
**Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Насриддинзода Э.С. ____________________**
«28» ____01________ соли 2026

# ХУЛОСАИ
# ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Диссертатсияи номзадии Исмонализода Сайвали Исмонали дар мавзуи «Масъалаҳои ҳуқуқии таъмини иҷрои уҳдадорӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз руйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро шудааст.

Дар ҷараёни омода намудани диссертатсия Исмонализода Сайвали Исмонали унвонҷуи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба шумор мерафт.

Исмонализода Сайвали Исмонали соли 2010 ба шуъбаи рузонаи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба ихтисоси ҳуқуқшинос умумӣ дохил шуда, онро соли 2015 аз руйи ихтисоси ҳуқуқшинос умумӣ хатм намудааст.

Аз соли 2015 ба ҳайси ассистенти кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон то ба ҳол фаъолият намуда истодааст.

Номбурда бо фармоиши ректор аз 04.01.2017, №01-05 ба ҳайси унвонҷуи кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул шуда, онро 14.01.2021. №22-05 хатм намудааст.

Мавзуи диссертатсия дар ҷаласаи Шурои олимони факултети ҳуқуқшиносии 18-уми ноябри соли 2017, суратмаҷлиси №7 тасдиқ шудааст.

**Роҳбари илмӣ:** Давлатмандзода Эраҷ Давлатманд - номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мебошад.

Маълумотнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ аз 17 марти 2025, №25 аз ҷониби Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дода шудааст.

Диссертатсияи Исмонализода Сайвали Исмонали дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон 24 январи соли 2026 №7 муҳокима гардидааст. Ба диссертатсия аз ҷониби муқарризон баҳои мусбат дода шуда, пас аз ислоҳи камбудиҳо ба зинаи навбатии ҳимоя тавсия карда шудааст.

Оид ба натиҷаи баррасии диссертатсияи Исмонализода Сайвали Исмонали дар мавзуи «Масъалаҳои ҳуқуқии таъмини иҷрои уҳдадорӣ», чунин хулоса қабул карда шуд:

1. **Мутобиқати ихтисос ва номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои диссертатсия.** Исмонализода Сайвали Исмонали дар мавзуи «Масъалаҳои ҳуқуқии таъмини иҷрои уҳдадорӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз руйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон омода шудааст.

2. **Алоқамандии мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар ҷумҳурӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи мавзуи кори илмӣ-таҳқиқотии кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон: «Масъалаҳои ҳуқуқии таъмини иҷрои уҳдадорӣ» алоқаманд мебошад.

3. **Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он.**

Натиҷаҳо, хулосаҳо, тавсияҳо ва пешниҳодҳое, ки дар диссертатсия баён шудаанд, дар 17 мақолаи илмӣ нашр гардидаанд. Аз инҳо 6 мақола дар маҷаллаҳое, ки ба феҳристи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дохиланд, чоп шудааст. Мақолаҳои нашргардидида фарогирандаи мазмун ва моҳияти диссертатсия мебошанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикос ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, мутобиқ мебошад.

4. **Мавҷудияти санадҳои тасдиққунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот ё имконияти татбиқ намудани онҳо.** Ин таҳқиқот барои мақомоти давлатӣ, ки масъалаҳои ҳуқуқии таъмини иҷрои уҳдадориро амалӣ мекунанд ва барои субъектҳои хоҷагидоре, ки бевосита дар фаъолияти бонкӣ иштирок мекунанд, арзиши илмӣ ва амалӣ дорад.

Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд ҳангоми такмили қонунгузории маданӣ ва соҳибкорӣ, инчунин дар амалияи судии судҳои иқтисодӣ ва судҳои умумии Тоҷикистон истифода шаванд.

Илова бар ин, баъзе муқаррароти диссертатсия метавонанд ҳамчун асос барои таҳқиқоти минбаъдаи илмӣ дар соҳаи ҳуқуқи маданӣ ва соҳибкорӣ, инчунин омузиши механизмҳои танзими ҳуқуқии муносибатҳои хусусӣ хизмат кунанд.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот инчунин дар истифодаи он дар раванди таълим, хусусан ҳангоми таълими фанҳои «Ҳуқуқи маданӣ», «Ҳуқуқи соҳибкорӣ» ва дар доираи курсҳои махсус дар факултетҳои ҳуқуқшиносии муассисаҳои таҳсилоти олӣ зоҳир мешавад.

**5. Саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ ва ғайра арзёбӣ мегарданд.**

Диссертатсияи номзадии Исмонализода Сайвали Исмонали дар мавзуи «Масъалаҳои ҳуқуқии таъмини иҷрои уҳдадорӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз руйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, мубрам ба ҳисоб рафта, барои илми ҳуқуқи маданӣ ва соҳибкорӣ аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ дорад.

Нововарии кор аз он иборат аст, ки то имруз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷанбаҳои ҳуқуқии таъмини иҷрои уҳдадорӣ мавзуи омузиши муфассали монографӣ набуда, ин таҳлил саҳми муҳим дар рушди илми ҳуқуқшиносӣ мегардонад. Масалан:

1. Дар равобити ҳуқуқи маданӣ ҳарчанд усулҳои кафолатдиҳии иҷрои уҳдадориҳо хислати ҷазоӣ надошта бошанд ҳам, вале онҳо метавонанд мустақиман ё ғайримустақим барои қарздор мушкилоти изофӣ эҷод кунанд. Масалан, мувофиқи қонунгузории маданӣ ҳангоми нигаҳдории амволи қарздор дар ҳолати аз ҷониби қарздор иҷро нашудани уҳдадории хеш кредитор ҳуқуқ дорад, ки ҳиссаи худро аз арзиши амволи нигаҳдошташуда гирад (м. 417 КМ ҶТ). Аз ҳамин муқаррарот бармеояд, ки дар чунин ҳолатҳо қарздор масъул аст уҳдадориҳои худро дар вақти муайяншуда иҷро кунад.

Уҳдадориҳоро вобаста ба меъёрҳои асосӣ дар усулҳои кафолатдиҳии иҷрои уҳдадориҳо ба гуруҳҳои зерин тақсим мекунанд:

1) усулҳои умумӣ, ки дар қонун ин усулҳо махсусан бо номи кафолатдиҳии иҷрои уҳдадориҳо муқаррар гардидаанд. Аз ҷумла, усулҳои кафолатдиҳии иҷрои уҳдадориҳо ноустуворона, гарав, нигаҳдорӣ, замонат, кафолати бонкӣ, байъонаро дар бар мегирад. Хусусияти чунин усулҳои иҷрои уҳдадориҳо дар он зоҳир мегардад, ки онҳо бояд дар шакли хаттӣ пешгуӣ

карда шуда бошанд, лекин гарав ва ноустуворона метавонанд дар қонун пешбинӣ гардида бошанд;

2) усулҳое, ки ба сафи усулҳои кафолатдиҳии иҷрои ухдадориҳо дар муқаррароти моддаи 380 КМ ҶТ дохил нашудаанд ва махсусан дар қонун пешбинӣ гардидаанд (масалан, масъулияти изофӣ барои соҳибмулк – аз руйи уҳдадориҳои корхонаи давлатӣ ё муассиса (қ. 4 м. 123); ҳуқуқи кредитор – оид ба иҷрои созишнома, дар ҳолате ки тарафи дигар аз тасдиқи нотариалии он, эътиборнокии онро ҳисоб карда даст кашидааст (қ. 2 м. 179); масъулияти изофӣ барои шарикон дар ширкати пурра.

2. Вобаста аз хислати пайвастагӣ бо уҳдадории асосӣ ва пайваст набудани он усулҳои кафолатдиҳии иҷрои уҳдадориҳоро метавон ба ду навъ ҷудо кард:

а) Асосӣ (аксессорӣ) – ин навъи уҳдадориҳо асосан бо уҳдадории асосӣ пайваст буда, ҳангоми беэътибор донистани уҳдадории асосӣ ин уҳдадориҳо низ беэътибор ҳисоб карда мешаванд, масалан, ноустуворона, байъона ва ғайра;

б) Изофӣ (ғайриаксессорӣ) – ин навъи уҳдадориҳо асосан бо уҳдадории асосӣ вобаста набуда, ҳангоми беэътибор донистани уҳдадории асосӣ он беэътибор ҳисоб карда намешавад, масалан, кафолати бонкӣ.

3. Вобаста ба мафҳуми ҳимояи ҳуқуқҳои маданӣ метавон ҳаминро зикр кард, ки он ҳамчун маҷмуи чораҳои моддӣ-ҳуқуқӣ пешбинӣ шудааст ва барои бартараф кардани монеаҳо ҷиҳати амалӣ гардонидани ҳуқуқҳо истифода бурда мешаванд. Фаъолият оид ба амалӣ гардонидани ин чораҳо, ки мақомоти салоҳиятдор дар шакли муайяни мурофиавӣ иҷро мекунанд, фаҳмида мешавад.

Ҳимояи ҳуқуқҳои маданиро метавон ҳамчун амалӣ гардонидани чораҳои таъсирбахши ҳуқуқӣ ва амалии дар қонунгузорӣ муқарраршуда аз тарафи мақомоти салоҳиятдор ё шахсони ваколатдор бо ҳадафи барқарор кардани ҳуқуқҳои поймолшуда ё баҳснок фаҳмид. Ҳимояи ҳуқуқҳои маданӣ ҳам рушди равобити ҳуқуқии маданӣ дар ҳолати муқаррарӣ, поймолнашаванда ва ҳам барқарор кардани ҳуқуқҳои поймолшуда ё баҳснок ҳисоб карда мешавад.

Диссертатсияи номзадии Исмонализода Сайвали Исмонали дар мавзуи «Масъалаҳои ҳуқуқии таъмини иҷрои уҳдадорӣ», ба ихтисоси интихобшуда пурра мутобиқат мекунад.

Мавзуи диссертатсия ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисосҳои илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз руйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мутобиқат мекунад.

Диссертатсия аз муқаддима 3 боб 8 зербоб, хулоса ва руйхати адабиётҳои истифодашуда иборат мебошад

Вобаста ба мавзуъ ва масоили таҳқиқи диссертатсионӣ 17 мақолаи илмӣ нашр гардидаанд. Аз инҳо 6 мақола дар тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионӣ назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 11 мақола дар маҷалаҳои дигар ба нашр расонида шудааст.

Мундариҷаи асосии таҳқиқ аз руйи мавзуи диссертатсия дар таълифоти зерини муаллиф инъикос ёфтааст.

**I. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои баррасишаванда ва тавсиядодаи Комиссияи олии аттестатсионӣ назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд:**

[1–М] Сангов С.И. Неустойка как способ обеспечения исполнения обязательств [Текст] / С.И. Исмонализода // Вестник ТНУ. – 2018. – №10. – С. 233-239; ISSN 2413-5151.

[2–М] Сангов С.И. Баъзе аз масъалаҳои байъона дар конунгузории граждании Ҷумхурии Точикистон [Матн] / С.И. Исмонализода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2019. – №06. – С. 208-213. ISSN 2413-5151.

[3–М] Исмонализода С.И. Мафҳум ва моҳияти нигоҳ доштан [Матн] / С.И. Исмонализода // Қонунгузорӣ. – 2021. – №2, (42). – 2021. – С. 47-51; SSN 2410-2903.

[4–М] Исмонализода С.И. Мафҳум ва табиаби ҳуқуқии нигоҳ доштани молу мулки қарздор [Матн] / С.И. Исмонализода // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2025.– №2 (38). – С. 209-218; ISSN 2414 9217.

[5–М] Исмонализода С.И. Танзими ҳуқуқии кафолати бонкӣ [Матн] / С.И. Исмонализода // Ҳаёти ҳуқуқӣ. 2025. – №4 (52). – С. 109-119. ISSN 2307 – 5198.

[6–М] Давлатмандзода Э.Д. Исмонализода С.И. Таносуби тарзҳои таъмини иҷрои уҳдадорӣ ва тарзҳои (воситаҳои) ҳифзи ҳуқуқҳои маданӣ [Матн] / Э.Д. Давлатмандзода, С.И. Исмонализода // Қонунгузорӣ. – 2025. – № 4 (60). – С. 96-108; ISSN 2410-2903.

**II. Мақолаҳои илмӣ, ки дар нашрияҳои дигари илмӣ чоп шудаанд:**

[7–М] Сангов С.И. Байъона яке аз тарзҳои таъмини ичрои уҳдадории гражданӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Точикистон [Матн]/ С.И. Исмонализода // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Рушди қонунгузории соҳибкорӣ, тичоратӣ ва сайёҳӣ дар даврони Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (18-уми майи соли 2018). – Душанбе, 2018. – С. 190-195.

[8–М] Сангов С.И. Гарави амволи андозсупоранда яке аз тарзҳои таъмини ичрои ӯҳдадории андоз [Матн] / С.И. Исмонализода // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Рушди қонунгузории соҳибкорӣ, тичоратӣ ва сайёҳӣ дар даврони Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (18-уми майи соли 2018). – Душанбе, 2018. – С. 282-288.

[9–М] Сангов С.И. Гарав ҳамчун тарзи таъмини иҷрои ухдадорӣ [Матн] / С.И. Исмонализода // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2019. – №2 (14). – С. 113-119. ISSN 2414 9217.

[10–М] Сангов С.И. Нуқтаҳои назари асосӣ оид ба мафҳуми тарзҳои таъмини иҷрои ухдадори [Матн] / С.И. Исмонализода // Маводи конференсияи байналмилалии илми-назарияви дар мавзуи: «Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва низоми ҳуқуқии милли: заминаҳои рушд ва дурнамои илми хуқуқшиноси» бахшида ба «25 - солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Точикистон» ва «70-солагии факултети хуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон». – Душанбе, 2019. – С. 348-351.

[11–М] Исмонализода С.И. Мафҳум ва моҳияти кафолати бонкӣ [Матн] / С.И. Исмонализода // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. –2020. – №4 (20). – С. 149-154. ISSN 2414 9217.

[12–М] Исмонализода С.И. Мафҳум ва моҳияти таъмини иҷрои ухдадорӣ [Матн] / С.И. Исмонализода // Масъалаҳои мубрами қонунгузорӣ оид ба рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ (Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ аз 8 - уми октябри соли 2020) / Зери таҳрири доктори илмҳои хукукшиносӣ, профессорон Раҳмон Д.С. ва Сангинов Д.Ш. – Душанбе, 2020. – С. 70-77.

[13–М] Исмонализода С.И. «Кафолати бонкӣ ҳамчун усули таъмини иҷрои ухдадорӣ [Матн] / С.И. Исмонализода // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявии ҳайати устодони кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии ДМТ бахшида ба “75-солагии Донишгоҳи миллии Тољикистон”, “115-солагии академик Бобољон Ғафуров”, “Соли 2023 – Соли забони русӣ” ва “Соли 2025 – Соли байналмиллалии ҳифзи пиряххо”. – Душанбе, 2023. – С. 147-159.

[14–М] Исмонализода С.И. Таносуби тарзҳои таъмини иҷрои ухдадорӣ бо воситаҳои ҳимояи хуқуқҳои маданӣ [Матн] / С.И. Исмонализода // Маводи конференсияи илмӣ назариявии профессорону омузгорони кафедраи ҳуқуқи соњибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бахшида ба «30-юмин солгарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва эълон гардидани соли 2024 «Соли маърифати ҳуқуқӣ»). – Душанбе, 2024. – С. 129-139.

[15–М] Исмонализода С.И. Оид ба баъзе масъалаҳои табиати ҳуқуқии кафолатҳои бонки [Матн] / С.И. Исмонализода // Маводи конференсияи умумидонишгоҳии илмию назариявии ҳайати устодону кормандони факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Точикистон бахшида ба «30-юмин солгарди қабули конститутсияи Ҷумҳурии Точиқичтон», «Соли маърифати ҳуқуқӣ эълон шудани соли 2024» ва «Бистсолаи омузиш ва рушди фанҳои

табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (солҳои 2020-2040)». – Душанбе, – 2024. – С. 208-215.

[16–М] Исмонализода С.И. Поручительство в гражданское законодательство республики Таджикистан. [Текст] / С.И. Исмонализода // Маводҳои конференсияи байналмиллалии илмӣ - назариявӣ бахшида ба 100 - солагии Виктор Аркадевич Ойгензихт «Танзими ҳуқуқии сайёҳӣ ва сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон». // Зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор узви пайвастаи АМТ Тоҷикистон Раҳимзода М.З., номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Шонасриддинов Н. – Душанбе: Матбааи ДМТ, – С. 152-157.

[17–М] Исмонализода С.И. «Оид ба баъзе масъалаҳои гарав ҳамчун тарзи таъмини иҷрои уҳдадорӣ [Матн] / С.И. Исмонализода // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ–назариявӣ дар мавзуи «масоили ҳуқуқии танзими зеҳни сунъӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ ва нақши он ба рушди соҳибкорӣ» дар ҳошияи қабули қатъномаи маҷмаи умумии СММ “нақши зеҳни сунъӣ дар фароҳам овардани имконоти навин барои рушди устувор дар осиёи марказӣ” аз 25 июли соли 2025 бо ибтикори Ҷумҳурии Тоҷикистон ва эълони солҳои 2025–2030 “солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия” 24-уми октябри соли 2025./ Зери таҳрири профессор Мирзозода П.З., дотсент Давлатмандзода Э.Д. – Душанбе, 2025. – С. 225-231.

Дар маҷмуъ, натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионии унвонҷу Исмонализода Сайвали Исмонали аз ҷониби кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон пажуҳиши анҷомёфта дониста шуд.

**Ҷаласа қарор кард:**

1. Диссертатсияи номзадии Исмонализода Сайвали Исмонали дар мавзуи «Масъалаҳои ҳуқуқии таъмини иҷрои уҳдадорӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз руйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ кори анҷомёфта ҳисобида шавад.

2. Диссертатсияи номзадии Исмонализода Сайвали Исмонали дар мавзуи «Масъалаҳои ҳуқуқии таъмини иҷрои уҳдадорӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз руйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ бо назардоштиислоҳи эродҳои гирифташуда барои ҳимоя ба шурои диссертатсионӣ 6D.КОА-018-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тавсия дода шавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул гардид:

Иштирок доштанд: 22 нафар, аз ҷумла, 3 нафар доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, 11 нафар номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, 2 нафар муаллими калон, 5 нафар ассистентон, 1 нафар лаборанти кафедра. Натиҷаи овоздиҳӣ «тарафдор» – 22 нафар, «зид» – 0 нафар, «бетараф» – 0 нафар. Суратмаҷлиси №7 аз 24-уми январи соли 2026.

**Раискунандаи ҷаласа:**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
дотсенти кафедраи
ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати
факултети ҳуқуқшиносии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Бобокалон Ғ.М.

**Котиби ҷаласа:**
лаборанти кафедра Маҷидова Р.С.

Имзои Бобокалон Ғ.М. ва Маҷидова Р.С.-ро
тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Шодихонзода Э.Ш.
«24» 01 соли 2026

Суроға: 734025, ш. Душанбе, ихиёбони Рудакӣ, 17.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Тел.: 2217711, факс: 2271510
Почтаи электронӣ: info@tnu.tj,
сомонаи интернетӣ:www.tnu.tj